Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи "Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 Иқтисод ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат)**

Ҷалби сармоя ва дар ин замина рушди соҳаи энеггетика басо масъалаи мубрам ва саривақтист. Аз ин ҷост, ки Набиев Баҳодур Аҳмадович перомуни яке аз масъалаҳои ҳаётан муҳими рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ таҳқиқоти хешро бахшидааст. Мавзӯъ воқеан муҳим ва актуалӣ мебошад. Дар диссетратсия вазифаи актуалии муайянсозии самтҳои фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда, ҳал карда шудаанд. Ҷустуҷӯи илмии роҳҳои ҳалли масъалаи мазкур талаботро ба ҷалб намудани сармоягузориҳо ба комплекси энергетикии ҷумҳурӣ фаъол намуд. Вобаста ба ин, коркард ва ташаккул додани самтҳои нави ҷалби сармоягузорӣ ба комплекси энергетикӣ бо роҳи баланд бардоштани истифодаи неруи энергетикии кишвар, асоснок намудани ҷанбаҳои иқтисодии ташкилӣ-методӣ ва механизмҳои самарабахшӣ ва фоиданокӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба захираҳои гидроэнергетикӣ, ки ба талаботи рушди устувори иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии давлатӣ ҷавобгӯ бошад, тақозо мекунад.

Бинобар ин, мавзӯи интихоб намудаи таҳқиқоти диссертатсионии Набиев Баҳодур Аҳмадович, ба ақидаи мо, хеле мубрам ва рӯзмарра мебошад.

Чӣ хеле, ки аз автореферати диссертатсия бар меояд, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар сатҳи баланди назариявӣ- амалӣ анҷом дода шудааст. Саҳми намоёни муаллиф дар рушди асосҳои назариявӣ-методологии ҷалби сармоягузориҳо ба комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ақидаи мо, асоснок намудани тафсири мафҳуми категорияҳои "ҷалби сармоягузорӣ" ва фаъол намудани "фаъолияти сармоягузорӣ", муайян кардани нақши ин раванд дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, интихоби категория ва нишондиҳандаи баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии кишвар; ошкор намудани омилҳои фаъолшавии равандҳои

сармоягузорӣ дар корхонаҳои комплекси энергетикӣ, баррасии вазъи муосир ва анъанаҳои истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ; муқаррар намудани самтҳои асосии такмили механизми ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаъолшавии фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад.

Бешубҳа аҳамияти муайяни назариявӣ ва амалиро аз тарафи диссертант коркарди пешниҳодот вобаста ба роҳҳои мукаммал намудани низоми сарчашмаҳои маблағгузории комплекси энергетикӣ ифода мекунад. Дар баробари ин, диққати асосӣ ба мукаммалсозии механизмҳои танзимкунии ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ, дар асоси ташкили шароити мусоиди истифодаи неруҳои сармоягузории соҳаҳо ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии сармоягузории корхонаҳо равона карда шудааст. Аз лиҳози амалӣ методикаи пениҳоднамудаи баҳодиҳии даромаднокӣ ва самарабахшии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зурур мебошад.

Инчунин, нуктаи назари муаллиф вобаста ба модели регрессионии алоқамандии сармоягузории соҳаи энергетика бо нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ дар асоси алоқамандии мултипликатори кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати сармоягузорӣ қобили таҳсин мебошад.

Роҳҳои мукаммалсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар автореферат аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда бо аҷоибии ғоя ва асоснокии хулосаву пешниҳодҳо фарқ мекунад.

Ҳаҷми зиёди интишороти корҳои илмии муаллифро аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд кардан ба маврид аст. Истифодабарии натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи баъзе субъектҳои иқтисодӣ аз сатҳи баланди сифатӣ таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

Диссертатсия Набиев Б.А. қаноатбахш баҳо дода, мо зарур мешуморем, ки камбудиҳои зеринро қайд намоем:

1. аз тарафи муаллиф коркардҳои гуногуни илмӣ-методӣ вобаста ба ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва дар амалия татбиқ карда шудаанд, вале самараи иқтисодии онҳо дар автореферат нишон дода нашудааст;

2. дар автореферат ба таври хеле васеъ нишон додани натиҷаҳои таҳлили даромаднокӣ ва самарабахшии лоиҳаҳои сармоягузориро дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайгирӣ кардан зарур буд.

Ба камбудиҳои қайд кардашуда нигоҳ накарда, автореферати пешниҳодшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия кори илми-тахассусии мантиқан анҷомдодашуда ба шумор рафта, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Набиев Б.А. – ба додани додани унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисод ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**мудири кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати ДДТТ,**
**н.и.и., дотсент** **Мирзоалиев А.А.**

**Тасдиқ менамоям,**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва ҳуҷҷатнигорӣ** **Назири М.**